# Хулосаи

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 ба диссертатсияи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис доктори илмҳои биологӣ, профессор Эргашев А. ва аъзоёни комиссия - доктори илмҳои тиб Раҳимов И.Ф., номзади илмҳои химия Тағозода С.Э., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (“Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267” аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд. Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

Мавзуи рисолаи номзадии Нозимова М.С. актуалӣ мебошад, ки дар он аввалин маротиба афзоиштанзимкунандаи нав дар асоси баъзе ҳосилаҳои глитсерол пайдо намуда шудааст, ки барои арзёбии самаранокии ин таъсири он ба рушди лӯбиё (*Phaseolus vulgaris L.)* санҷида шудааст мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки то ҳол оид ба мавзуи мазкур таҳқиқоти илмӣ, гузаронида нашудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 150 саҳифа инъикос ёфта, аз 3 боб, муққадима, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳо, 13 расм, 9 график, 14 диаграмма, 2 нақша, 11 ҷадвал ва 141 руйхати адабиётро дар бар мегирад.

**Мақсади таҳқиқот:** омӯзиш ва муайян кардани афзоиштанзимкунандаи нав дар асоси баъзе ҳосилаҳои глитсерол. Барои арзёбии самаранокии таъсири он ба рушди лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) санҷида шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Ҳангоми омӯзиш унвонҷӯи дарёфти дараҷаи илмӣ ошкор намудааст, ки бори аввал таъсири 3- карбобензок-сифенилаланилпропан- 1,2- диол (3- Z- Phe- O- пропан- 1,2- диол), 1,3-фталилфенилаланилпропан 1,2- диол (3- Phth- Phe- O- пропан- 1,2- диол), 3- третбутилоксикарбонилфенилаланилпропан- 1,2- диол, 1,3- дикарбо-бензоксифенилаланилпропан- 2- ол (1,3- ди- Z- Phe- O- пропан- 2- ол) ва 1,3- дифталилфенилаланилпропан-2-ол (1,3-ди-Phth-Phe-O-про-пан-2-ол) дар лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* санҷида шуд. Шароитҳои оптималии таъсири ҳосилаҳои глитсерол 1,3-дифталиллаланилопропан-2-ол, ди ва триэфирҳои он ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ошкор карда шуд. Ҳамчунин модели динамикаи аз худкунии об, тухми лӯбиё (*Phaseolus vulgaris L.*) бо усули регрессияи хаттии сершумор сохта шуд ва таъсири композитҳои об-глитсерол-сулфур-оҳак-оксиди калтсий ба зидди бемории антракнози лӯбиё (*Phaseolus vulgaris L.*) таҳқиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:** Усулҳои синтези ҳосилаҳои глитсерол таҳия карда шудаанд, ки имкониятҳои истифодаи амалии онҳоро васеъ мекунад. Пешниҳоди афзоиштанзимкунандаи нав дар асоси глитсерол барои беҳтар кардани таҷрибаҳои агрономӣ дурнамо мекушояд. Таъсири ҳосилаҳои глитсерол ҳамчун афзоиштанзимкунанда ба ҳосили лӯбиё (Phaseolus vulgaris L.) ва дар оянда метавонад ба дигар зироатҳо низ мусоидат кунад, ки барои соҳаи кишоварзӣ муҳим аст.

Диссертатсия ба талаботи банди 67, 69 ва 74-75-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми биологӣ ва химиявӣ дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд.

Диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқат мекунад:

Аслияти матни диссертатсия 94,19 % ва автореферат 86,87%-ро аз ҳаҷми умумӣ ташкил медиҳад; иқтибосҳо ба таври дақиқ ҷо ба ҷо шудааст; маводи гирифтае, ки дар рисола бе истинод ба муаллиф истифода шудааст ё манбаъҳои истинодшуда пайдо нашудаанд, корҳои илмие, ки довталаб барои гирифтани унвони ҳаммуалифӣ бидуни истинод ба ҳаммуалифон иҷро кардааст, муайян карда нашудааст.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Мазмуни асосии рисола дар 11 маводи илмӣ, аз ин 4 мақолаи илмӣ, ки дар он мазмуни асосии рисола дарҷ гардидааст дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 нахустпатент оид ба мавзуи илмӣ нашр карда шудаанд.

Рисолаи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ("Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267" аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлили масоили ба омӯзиши равандҳои биохимиявӣ имконият медиҳанд, ки рисолаи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо тавсия карда шавад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши рисолаи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна **Комиссия тавсия мекунад:**

1. Рисолаи номзадии Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси

03.01.05-Физиология ва биохимияи растаниҳо дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 қабул карда шавад.

2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати:

**- Каримов Музафар Каримович** - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинишоҳ Шоҳтемур

- **Тағоева Хатича Эркаевна** - номзади илмҳои биологӣ, декани факултети педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара таъин карда шаванд.

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи “Биохимия ва генетика” интихоб карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи кушод ва ҷойгир намудани автореферати диссертатсия дар сомонаи Муассиса, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхисӣ,**
д.и.б., профессор Эргашев А.

**Аъзоёни комиссия:**
д.и.тиб., Раҳимов И.Ф.
н.и.хим., Тағозода С.Э.

Имзоҳои А. Эргашев, И.Ф. Раҳимов ва С.Э. Тағозодаро тасдиқ мекунам

04.01.2025

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ